Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6)

# ТАҚРИЗ

**Ба автореферати Бахетгули Аймайти (BAIHETIGUI AIMATI) дар мавзуи: "Маънои консептуалии "шодӣ" ҳамчун падидаи забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Рисолаи омоданамудаи Бахетгули Аймайти ба таҳқиқи маънои консептуалии вожаи "шодӣ" дар муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ бахшида шудааст.

Муаллиф омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои забонӣ-фарҳангии маънои консептуалии "шодӣ" дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ ҳамчун мақсад гузошта, ба ноил гаштааст.

Аз автореферат маълум гашт, ки дар рисола методҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ, сохторӣ ва ғайра истифода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар он бори нахуст таркиб ва низоми консепти "шодӣ" дар тасвири забонии ҷаҳон, хусусан, тасвирҳои муқаррарӣ ва илмию бадеӣ дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ нишон дода шудааст. Инчунин, таҳлили когнитивӣ ва лингвофарҳангии консепти "шодӣ" дар асоси хусусиятҳои луғавӣ, зарбулмасалу мақолҳо, ибораҳои рехта ва асарҳои бадеӣ аз нигоҳи забоншиносии шинохтӣ (когинитвӣ) ва фарҳангӣ ба роҳ монда шуда, вижагиҳои умумӣ ва фарққунандаи хоси дарки консепти "шодӣ" аз ҷониби соҳибзабонон вобаста ба тафаккури миллӣ бори нахуст нишон дода шудааст.

Чӣ тавре, ки дар автореферат дарҷ гаштааст, рисолаи илмӣ аз муқаддима, се боб ва феҳристи адабиёт иборат мебошад.

Боби якум қисмати назаривии корро дар бар мегирад, ки ба пуррагӣ ҳаллу фасли худро ёфтааст. Диссертант дар ин боб ақидаи олимону донишмандонро роҷеъ ба мавзӯъ оварда, мафҳуми консептро аз нуқтаи назари онҳо рӯйи қалам овардааст. Ҳамчунин, рамзҳои ифодагари шодӣ оварда шудааст, ки ин аз меҳнати пурсамари муаллиф шаҳодат медиҳад.

Боби дуюм маънои консептуалии шодӣ дар забонҳои муқоисашаванда баррасӣ гаштааст. Мавриди зикр аст, ки ҳангоми баррасии консепти

эҳсосотии шодӣ дар сатҳи калима барои муайян намудани вижагии он ҳолату вазъият бояд пурра ба инобат гирифта шудааст, зеро як калима вобаста ба маънои худ метавонад чанд навъи эҳсосро ифода кунад ва ҳамзамон як эҳсос метавонад тавассути воҳидҳои гуногуни луғавӣ ифода шавад.

Боби сеюм ба таҳқиқи муқоисавии вижагиҳои забонию фарҳангии консепти "шодӣ" дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ бахшида шудааст. Омӯзиши консепти "шодӣ" дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ нишон додааст, ки ҳарчанд эҳсоси шодӣ универсалӣ бошад ҳам, тарзи ифода ва таҷассуми он вобаста ба фарҳанг, тафаккур ва анъанаҳои забонӣ фарқ мекунад.ба қавли муаллиф, забони тоҷикӣ бо шодии фардӣ, миллӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, ҳассосият ва образнокии гуфтор, дар рафтору амал тавсиф мешавад, дар ҳоле ки забони чинӣ бо шодии ботинӣ ва мувозинати рӯҳӣ тавсиф мегардад.

Хулосаҳои худро дар охири автореферат асоснок ҷамъбаст намуда, тавсияҳо оиди истифодаи илмии натиҷаҳо хело муфид оварда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд, дар раванди таълими забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ), фарҳангӣ, қавмӣ, лексикология ва фразеология, инчунин барои гузаронидани семинарҳо ва курсҳои махсус аз фанни забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ), фарҳангӣ ва қавмӣ истифода бурда шаванд.

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқотро барои тайёр намудани асосҳои лингвистии омӯзиши забони чинӣ дар муассисаҳои таълимии филологӣ ва дар раванди таълим дар мактабҳои олии равияи тарҷумонӣ ҳангоми гузаронидани курсҳои махсус, семинарҳо ва дар лексияҳо аз фанни забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавӣ метавон истифода кард.

Мавод ва нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (солҳои 2021-2022) пешниҳод ва ҳамчунин дар 7 мақолаи чопшудаи муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи банашррасида дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос шудаанд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим рисола ва фишурда аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Хуб мешуд, ки муаллиф дар қисмати назариявии кор мушоҳидаҳои аниқи худро бо хулосаҳои дигар муҳаққиқон муқоиса менамуд.

Дар маҷмуъ, камбудии ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба асонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Автореферати дисертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Дар охири автореферат хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Бахетгули Аймайти. (BAIHETIGUI AIMATI) дар мавзуи: “Маънои консептуалии “шодӣ” ҳамчун падидаи забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ” таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

д.и.ф., дотсенти кафедраи забон ва
адабиёти руси Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Юсупова Зарина Розиқовна

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Бохтар, вилояти Хатлон
кучаи__Хувайдуллоев хонаи 66
Тел.: (+992)777177524
E:mail: zarina1966@list.ru
«_26_»_08__2025 г.

Имзои Юсупова З.Р.-ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Исозода Тоджиддин Исо

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Бохтар,
вилояти Хатлон , Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав, кучаи Айни 67
Тел.: (+992)777177524
E:mail: bgu-1978@mail.ru
«_26_»_08__2025г.